**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Айюбзода Хуршеда (Холматова Хуршеда Айюбҷоновна) дар мавзуи “Инъикоси консепти “бойигарӣ”-“қашшоқӣ” дар системаи фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод гардидааст.**

Мавзуи рисолаи Айюбзода Хуршеда ба таҳлили яке аз ҷанбаҳои забоншиносии когнитивӣ консептҳои «**бойигарӣ**», «**wealth**» ва «**қашшоқӣ**», «**poverty**» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шуда, инчунин, ба муайян намудани арзишҳои умумифарҳангӣ бо мақсади таҳлил ва ошкор сохтани маънои ин консептҳо бар асоси фарҳангҳои тоҷикӣ ва англисӣ равона гардидааст.

Асоси назариявии таҳқиқро омӯзиши ҷанбаҳои забонии мафҳумҳои “**бойигарӣ**” ва “**қашшоқӣ**” **“richness and poverty”** ташкил медиҳад. Дар ин бобат асарҳои илмии забоншиносони русу хориҷӣ, аз қабили Н.Д. Арутюнова, А. Вежбитская, Р. Якобсон, С.Г. Воркачев, В.И. Карасик, В.Г. Гак, Е.С. Кубрякова, А.А. Уфимсева, В. Колшанская ва ғайраҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Инчунин, ҳангоми омӯзиши мавзуъ мо ба асару мақолаҳои ба масъалаҳои тасвири забонии ҷаҳони қавмҳо бахшидаи муҳаққиқон Б.А. Серебренников, Ю.С. Степанов, В.И. Постовалова, В.Н. Телия, Е.С. Яковлева ва муҳаққиқони тоҷик М.М. Имомзода, Д. Искандарова, О. Қосимов, Ҳ. Мирзоев, Д. Азиззода, С. Раҳимӣ, З.Д. Мирзоева М.М. Имомзода ва дигарон такя намудааст. Маҳз ҳамин самтҳои омӯхтанашуда, мубрамияти интихоби мавзуъро муайян мекунад.

Консептҳои «**бойигарӣ**», «**wealth**» ва «**қашшоқӣ**», «**poverty**» вақтҳои охир дар илми забоншиносии тоҷик мавқеи муҳимро касб намудаанд, аз ин лиҳоз таваҷҷуҳи забоншиносон низ ба омӯзишу пажуҳиши онҳо зиёдтар гардида истодааст.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқӣ ва замима иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия – “**Асосҳои назариявии таҳқиқи консепт**” унвон дошта, аз панҷ зербоб иборат аст. Масъалаҳои баррасишавандаи боби мазкур омӯзиши забоншиносии когнитивии муосир ҳамчун илм, ҷанбаи лингвофарҳангии робитаи забон ва фарҳанг, усулҳои дифференсиалии таърифи консепт, моҳияти тасвири олам ва ташаккули забоншиносии шинохтии ватаниву хориҷӣ мебошанд.

Мусаллам аст, ки забоншиносии муосир дар омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои консепсия решаи амиқ дошта, як қатор қазия ва вижагиҳои илмиву забонии онро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Боби дуюм "**Консептҳои "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ" дар системаи луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** ном дошта, аз се зербоб иборат буда, он фарогири масъалаҳои шакли дохилии консептҳои "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ", шарҳи консептҳои "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ" дар луғатҳои этимологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва ифодаи маҷозии консепти "бойигарӣ" дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад.

Боби сеюм "**Мавқеи консептҳои "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ" дар фразеологиияи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** унвон дошта, аз панҷ зербоб иборат аст. Дар ин боб мувофиқати номи консептҳои таҳқиқшаванда аз лиҳози лингвофарҳангӣ, идиома манбаи асосии консептҳои таҳқиқшаванда, нақши ин консептҳои "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ" дар ташаккули зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таркибҳои когнитивии фразеологӣ ва ҷараёни инкишофи консептҳои таҳқиқшаванда дар забони тоҷикӣ (дар охири асри XX) баррасӣ шудаанд.

Диссертант Айюбзода Хуршеда ба мақсаду вазифаҳои гузоштааш ноил гардидаааст. Муаллиф асоси пурраи назариявиро овардааст ва дар асоси маводи бадеӣ фикру ақидаи худро тасдиқ карда тавонистааст.

Автореферат якҷоя бо аннотатсияҳо бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, бо сабки илмии равон, саҳеҳ ва мувофиқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мураттаб шудааст. Дар автореферат интишороти муаллиф, ки дар маҷмӯъ 15 адад мебошад, мухтавои мавзуъро инъикос кардаанд, ки аз он 5 адад дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои тақризшаванда ба чоп расидаанд.

Дар баробари ҳамаи муваффақиятҳо дар автореферат баъзе норасогиҳои техникиву имлогӣ ба назар мерасанд:

- Дар баъзе саҳифаҳои он хатогии техникӣ ба назар мерасанд (9, 27, 36, 47);
- Дар баъзе мисолҳо хатогии имлоӣ ба назар мерасанд. Бартараф намудани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Норасогиҳои зикршуда ислоҳпазир буда, сифати корро паст намекунад. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар рисола ҳамаи вазифаҳои гузошташуда иҷро карда шудаанд.

Тадқиқоти довталаб Айюбзода Хуршеда кори ба итмомрасида маҳсуб ёфта, дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ омода гардидааст. Он саҳми худро дар забоншиносии муқоисавии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузорад. Рисола ба талаботи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллиф

сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент
мудири кафедраи мутолиоти аврупоии
Донишгоҳи миллии Тоҷикстон Наҷмиддинов Акбаршоҳ Файзуллоевич

15 майи соли 2025

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. душанбе, куч. Севастополская 4, ҳуҷ. 30.
Тел: (+992) 918506382;
E-mail: akbar.n@mail.ru

Имзои Наҷмиддинов А.Ф.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ,
Тавқиев Эмомалӣ Шодихонович

Суроға: 734025, ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ 17,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел: +(992)918506382
e-mail: Email: info@tnu.tj

15 майи соли 2025